**Тақризи**

**муқарризи ғайрирасмӣ ба автореферати диссертатсияи Камолова Гулрухсор Рустамовна дар мавзӯи «Воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи фаъолияти зеҳнии инсон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02. 20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Рисолаи номзадии Камолова Гулрухсор Рустамовна ба таҳқиқи яке аз мавзӯъҳои мубрами забоншиносии тоҷик – типологияи муқоисавӣ бахшида шудааст. Омӯзиши муқоисавӣ-типологии забонҳо, бахусус забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар шароити кунунии иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун амри зарурӣ воқеъ гардидааст, дар илми забоншиносии тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Ҳалли дурусти ин масъала ба беҳтар гардидани таълиму азхудкунии забонҳои мазкур дар муассисоти таҳсилоти ҳамаи забонҳо, баланд бардоштани сатҳи забондонии толибилмон ва беҳтар гардидани сифати тарҷума аз як забон ба забони дигар мусоидат хоҳад кард.

Дар нимаи дуюми асри XX ба сабаби афзудани таваҷҷуҳи донишмандон ба муқоисаи забонҳо дар ин самт як қатор корҳое анҷом дода шудаанд. Дар Тоҷикистон омӯзиши типологии забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар аз мақолаи Л.А.Букатина бо номи «Дар бораи муқоисаи системаи фонетикии забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ» (1952) оғоз ёфт. Хизмати олимон Успенская Л.В., Шаҳобова М.Б., Мошеев И.Б., Ҷамшедов П. ва дигарон дар ин самт хеле бузург аст. Хушбахтона, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳқиқи типологии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои гуногуннизом бештар авҷ гирифта, паҳлуҳои нави тадқиқоти муқоисавии забонҳо, аз он ҷумла муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ аз назари вожашиносӣ рӯйи кор омад.

Таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун ифодакунандаи фаъолияти зеҳнии инсон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки бори нахуст ба таври ситсемӣ дар рисолаи номзадии Камолова Гулрхсор ба анҷом расидааст, дорои аҳамияти хосае мебошад. Аз як тараф, агар паҳлӯҳои вожашинохтиву муқоисавии мавзӯъ дар доираи муқоисаи тасвири забониии ҷаҳони тоҷикзабонон бо англисзабонон бо баррасии воҳидҳои фразеологӣ шарҳ дода шуда бошад, аз тарафи дигар, мавзӯи муқоисаи фразеологизмҳо дар забонҳои муқоисашаванда аз назари зеҳнию равонӣ (психолингвистика) ҳаллу фасл шудаанд. Аз ин рӯ, интихоби мавзӯъ дуруст буда, дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар мукаддима доир ба муҳиммияти мавзӯи рисола, мақсад ва

вазифаҳои тадқиқот, усул ва методи таҳқиқ, навоварии илмии рисола, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали рисола доир ба масъалаҳои назариявии марбут ба дигаргуншавии ғояҳо дар вожаю ибораҳои фразеологӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби дигар хусусиятҳою вижагиҳои сохтории воҳидҳои фразеологии марбут ба фаъолияти зеҳнии инсон аз назари грамматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ гардиданд. Дар ин боб муаллифи диссертатсия аломатҳои доираи вожагони алоқамандии бевосита ва бавоситаи воҳидҳои фразеологиро тафсир кардааст.

Боби охирро ба муқоисаи воҳидҳои фразеологии марбут ба фаъолияти зеҳнӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси ҷанбаҳои семантикӣ ва забоншиносии фарҳангӣ бахшидааст, ки мундариҷаи асосии пажӯҳишнома маҳсуб мегардад.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 8 банд ҷамъбаст кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия чанд камбуду норасоиҳое ба назар расиданд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии кайфияти таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Матни тоҷикии автореферат таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоии забони тоҷикӣ сарфи назар шудаанд.
2. Хуб мешуд, агар муаллиф баъд аз рӯйхати адабиёт дар автореферат ихтисораҳоро (хусусан дар матни тоҷикӣ) низ меовард, зеро ҳангоми таҳлили сохторӣ ихтисораҳои англисӣ қайд гардидаанд, ки маънои ихтисораҳо ноаниқ мондааст.

Новобаста аз камбудиҳои зикргардида, рисолаи номзадии Камолова Гулрухсор Рустамовна дар мавзӯи «Воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи фаъолияти зеҳнии инсон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори илмии баанҷомрасидаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ мӯҳтавои рисолаи номзадиро инъикос намуданд. Дастгоҳи илмии рисола ба меъёрҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавоб дода метавонад. Дар маҷмӯъ аз ошноӣ ба рисолаи номзадии Камолова Гулрухсор Рустамовна дар мавзӯи «Воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи фаъолияти зеҳнии

инсон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, ба дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошност, аз маводи забонӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Бинобар ин мавсуф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02. 20 –забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади, илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Беҳзод, 25.
E-mail s.matrobov@mail.ru
Телефон: (992)93 508 71 38

Имзои муовини раиси Кумита, дотсент Матробиён С.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Сангов Г.Х.
29. 07. с. 2019